# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Муллоев Шариф Боқиевич ба диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна «Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (*дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев*)» барои дарёфти унвони номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар солҳои охир насри воқеъгароёна аз чанд паҳлу мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Масъалаи воқеият ва бадеият дар насри публитсистӣ, хусусан, дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев мавқеи махсус дошта, омӯзишу баррасии он чанд самтро фаро мегирад. Нақши ноқил дар публисистика, дар шаклгирии сужа, тасвир ва ҳолати равонии персонажу қаҳрамонҳо аҳамияти хоса дорад. Таҳлили нақши ноқил дар асарҳои мавсуф, хусусан, дар очерку қиссаҳояш дар шаклгирии сужаю фабула, воқеият ва тахайюл, бадеияти матни осори мустанади Фазлиддин Муҳаммадиев аз паҳлуҳое ҳастанд, ки ба таҳқиқи илмӣ ниёз доранд. Ва ин масъалаи нисбатан камтаҳқиқшуда - нақши ноқил дар публитсистикаи адиб мавриди пажӯҳиш дар диссертатсияи Иноятова Зебинисо **«Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)»** қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима дараҷаи омӯзиш, моҳият ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ ба таври мушаххас муайян гардидааст. Муаллиф осори зиёди назариявии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро мавриди омӯзишу таҳлил карор дода, аз онҳо самаранок истифода намудааст. Диссертатсия дар заминаи таҳқиқи асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев, маҷмӯаи «Дӯстон тоҷи сар», қиссаи мустанади «Зайнаббибӣ» ва «Писари газета» анҷом дода шудааст.

Боби аввал **"Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев"** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб **"Оид ба шинохти ноқил дар насри публитсистӣ"** нақши

фаъолияти ноқил дар мақоми иҷтимоию шаҳрвандии ӯ таҳлилу баррасӣ мешавад. Маълум аст, ки нависандаи ёддошт ба шунидаву аз забони касе нақл кардани воқеаву ҳодисаҳо камтар такя карда, ба сифати мушоҳидагари фаъол қисса кардан мақсади ӯ мебошад. Ҳамчун ноқил вай ба саргузашти худу дигар ҳамзамононаш баҳогузорӣ мекунад. Мо ба андешаи диссертант розием, ки мегӯяд: "Дар он ҳамеша ду типи қаҳрамон «ман медонам» ва «ман шубҳа дорам»-ро метавон мушоҳида кард».

Унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки муаллифи асари бадеӣ чун ноқил ҳадафи таъсир ба шуури муосиронро дорад. Муаллиф дар баъзе ҳолатҳо ба нақли бевоситаи худ қонеъ намешавад ва аз забони қаҳрамонони асар мавқеи иҷтимоии худро равшан мегардонад.

Дар фасли дуюми боби аввал **«Симои ноқил дар асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев»** сари инъикоси ҳақиқат баҳс сурат гирифтааст. Муҳаққиқон ин ҳақиқатро ба тасвирҳои воқеиву бадеӣ ихтисос додаанд. Ҳақиқати бадеӣ дар пояи ҳақиқати воқеӣ бунёд меёбад. Андешаҳои муаллифи диссертатсия дар бораи муносибати нависанда Ф. Муҳаммадиев ба воқеоти ҳаётӣ ва муаммоҳои доғи рӯз ҳам дар осори публитсистӣ ва ҳам дар осори бадеӣ монандиҳои зиёде доранд, қобили андеша буда аз ковишҳои илмиву таҳқиқиаш дарак медиҳад. Дар осори публитсистии нависанда «Сабақ», «Мо ҳамагӣ масъулем, ҳар яки мо масъулем», «Ёди наку» ва махсусан, «Қиссаи Зайнаббибӣ» мавқеи ноқил - муаллиф ҳамеша муайян аст, хонанда аз рафти баён мақсади ӯро пай мебарад, ҷонибдорӣ, бетарафӣ ё бадбинияшро бо рафтору муносибати ин ё он қаҳрамон дарк мекунад.

Фасли сеюм **«Нақши тасаввур ва тасвир дар инъикоси фаъолияти шахсиятҳои фарҳангӣ»** ба таҳқиқи тарзи баён ва воситаҳои тасвири бадеии нависанда бахшида шудааст. Унвонҷӯ бамаврид қайд мекунад, ки аксари осори ҳуҷҷатии Ф. Муҳаммадиев бо натиҷагирӣ анҷом меёбад. Андешаҳои диссертант дар бораи он ки дар қиссаҳои «Ёди наку», «Дар суҳбати Толис» ноқил худи нависанда буда, дидаю мушоҳидаҳояшро ба қалам дода, хонандаро ҳушдор медиҳад, ки инсон новобаста аз мартабаю вазифа, бояд

пеш аз ҳама, дорои хислатҳои накуи инсонӣ, меҳрубону дилсӯз, ғамхору дилёб бошад, низ ҷолиб мебошанд. Ҳамин гуна ҷолибиятро зимни таҳлили дигар осори нависанда ба мушоҳида мегирем. Аз ҷумла, диссертант қайд мекунад, ки «Фазлиддин Муҳаммадиев бо тасвирҳову ташбеҳҳову тахайюл дар эссе ва очеркҳои "Ҷигарпораам Миршакар", "Дар суҳбати Толис", "Монда нашавед, муаллим", "Марди фозил", "Нависандаи халқ" низ пойбанди воқеият аст ва ин воқеият муҷиби аслии дарёфти табъу завқи хонанда мегардад".

Боби дуюм **"Симои муаллиф дар партави воқеияти асарҳои нависанда"** номгузорӣ шуда, дар он бештар асарҳои публитсистие таҳлил шудаанд, ки муаллиф дар ҷараёни воқеа иштирок доштааст, яъне, мактуб, мақола, лавҳа ва очеркҳое, ки баъди сафарҳои нависанда навишта шуда, дар онҳо муаллиф бештар мушоҳидагар, нақлкунанда ва баҳогузор мебошад. Дар фасли якуми ин боб **"Мавқеи муаллиф нисбат ба фарҳанг ва масъалаҳои адабиёту санъат"** бо такя ба андешаҳои назарии муҳаққиқон Г. Боровик, В. Ученова, И. Усмонов, А. Саъдуллоев ва дигарон хулосаву натиҷагирӣ шудааст. Маълум мегардад, ки дар очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев симои муаллиф на танҳо дар вижагиҳои услуб, балки дар мушоҳида ва маърифати нависанда низ эҳсос мегардад. Муҳаққиқ бамаврид зикр кардааст, ки "Дар очеркҳояш нависандаро чун ровии фаъоли рӯйдодҳо мебинем..."

Дар фасли дуюми боби дуюм **«Дидгоҳи муаллиф - ноқили воқеаҳо ба мушкилот ва проблемаҳои ҷомеа»** бо дарназардошти дахолати нависанда ба воқеаҳо, фикру мулоҳизаҳои ӯ дар бораи воқеаи тасвиршуда таҳлил мешавад. Нақли воқеа як рукни муҳимми публитсистика буда, онро имрӯз бештар дар саҳифаҳои матбуот мушоҳида мекунем.

Дар ин замина унвонҷӯ очерки «Оини муқаддас»-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Очерки мазкур бо дарназардошти воқеияти рӯз – дӯстии миллатҳои гуногунеро, ки чун як оила пуриқтидор кору фаъолият намуда, дар ободиву гул-гулшукуфоии кишвар саҳми босазо гузоштаанд, навишта шудааст. Диссертант бо таҳлили ин очерк хулоса мекунад, ки нависанда дар

ин очерк ақидаҳои гуманистии хешро баён намуда, ободию осоиштагиро дар дӯстии қавму миллатҳои гуногун мебинад, барои зиндагии хуб ҳамдилии инсонҳо зарур аст .

Дар фасли сеюми боби дуюм **"Нақши мушоҳида дар ташаккули нақли муаллиф"** дар бораи далелу асноду факт чун ҷузъи бунёдии насри воқеъгароёна сухан меравад. Мушоҳида ва мавқеи равшани муаллиф як рукни аслии насри мустанад буда, Ф. Муҳаммадиев дар ҳар як сафару мулоқот ва нишаст ба ҷузъиёти ҳодисаву воқеа эътибор дода, тамоми мушоҳида ва дидаву шунидаҳояшро дар омезиш бо бадеият дар қиссаву ҳикоя, ёддошту мақолаҳояш ҷой медод. Аз таҳқиқи унвонҷӯ ҳамин бардошт ҳосил мегардад.

Боби сеюм **«Хислатҳои вижаи ноқили воқеаҳо ва услуби нигориши нависанда»** номгузорӣ шуда, фасли аввали он **«Муаллиф иштирокчии воқеаҳо дар насри воқеъгароёна»** ном гирифтааст. Ф. Муҳаммадиев дар як силсила очерку мақолаҳо он чиро баён кардааст, ки дар даҳаи адабиёту санъат, ки байни ҷумҳуриҳо гузаронида мешуд, батафсил баён ёфтаанд. Вижагии ин қиссаву нақлҳо дар он аст, ки муаллиф ҳангоми тасвир баъзан ба нақли воқеаҳои дигар пардохта, робитаи онҳоро нишон медиҳад. Ин ҳамаро унвонҷӯ Иноятова Зебинисо ба маҳорати баланд ва истеъдоди фитрии нависанда рабт медиҳад, ки комилан дуруст аст. Хонанда ҳамроҳи ноқил ба ҷараёни рӯйдод ворид гардида, худро иштирокчӣ дармеёбад.

Дар фасли дуюми боби сеюм **"Муаллиф - андешапарвар дар осори публитсистиву бадеӣ"** ҷавҳари асосиро хосияти амиқи публитсистика дар ҳошияи воқеият нигоҳ доштани масъалаҳои ахлоқиву тарбиявӣ ташкил медиҳад. Диссертант зимни таҳлил ба натиҷае мерасад, ки нависанда Ф. Муҳаммадиев кӯшидааст, аз ҳақиқати воқеӣ дур наравад. Инсон ҳамон тавре зиндагӣ мекунад, ҳамон тавр дар тасвири воқеаҳо намо диҳад.

Фасли сеюми боби сеюм **"Уфуқҳои инъикоси бадеии воқеият дар жанрҳои ҳаҷвии публитсистика"** унвон дошта, осори ҳаҷвии Ф. Муҳаммадиевро, ки аз ҳазлу шӯхӣ, шакарханду нешханд, кинояву истеҳзо

иборат аст, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз ҷумла, дар мавриди памфлети «Косадум» таҳлили васеъ сурат гирифтааст. Фикри унвонҷӯй дар бораи он, ки дар памфлети «Косадум» ҳам тасвир ва ҳам андеша ба ҳам омезиш ёфтаанд, дуруст аст.

Хулосаҳое, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ баровардааст, низ ҷавобгӯйи талабот буда, ҷамъбасти умумии диссертатсия мебошанд.

Дар баробари ин диссертатсияи номзадии Иноятова Зебинисо аз камбудиҳо орӣ нест:

1. Ба назари мо дар номи мавзӯъ "Мавқеи муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)" калимаи ноқил номафҳум омадааст. Агар номи мавзӯъ "Мавқеи муаллиф дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)" мебуд, аз ҳар ҷиҳат мақсади муҳаққиқро ифода мекард.

2. Моҳияти омӯзиши мавзӯъ бештар ба адабиёт марбут буда, ба журналистика қисман алоқамандӣ дорад. Дар диссертатсия асосан аз асарҳои пажӯҳишии адабиётшиносон истифода шудааст ва аз таҳқиқоти муҳаққиқони журналистика камтар корбурд гардидааст.

3. Дар диссертатсия аз рисолаи доктории Салихов Н.Н., ки дар он осори публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев пажӯҳиш гардидааст, истифода нашудааст.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатоҳои услубӣ ба назар мерасанд.

5. Дар охири бобҳо ва зербобҳои рисола хулосаҳои мантиқии унвонҷӯ ба таври бояд пешниҳод нагардидааст.

6. Дар феҳрасти адабиёт пажӯҳишҳои марбути соҳавӣ кам ва бештар таҳқиқоти адабиётшиносон оварда шудааст.

Камбудиҳои баёншуда ҳаргиз арзиши илмии таҳқиқоти Иноятова Зебинисоро кам намекунанд, балки ислоҳашон ҳангоми нашри оммавии диссертатсия сифати таҳқиқотро беҳтар мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Иноятова Зебинисо «Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (*дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев*)»

кори таҳқиқии анҷомёфта буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Доктори илмҳои филология, профессор,
мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и
муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон Муллоев Ш.Б.

Маълумот барои иртибот:
Муллоев Шариф Боқиевич
Доктори илми филология
(ДДН № 026926 от 18.05.2013)
Аттестати дотсентӣ ДЦ №028238
приказ МОН РФ №1183/5540 от
19.05.2010 г.)
Ҷойи кор: Донишгоҳи (Славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон
Вазифа: мудири кафедраи ВАО-и
чопӣ ва PR
Нишонии ташкилот:
734025,Ҷуҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода-30
Нишонии саҳифаи махсус:
http:// www.rtsu.tj
Тел. корӣ: (+992-44)620-42-06
Тел. моб: (+992-93) 500-57-50
E mail.mulloev_sharif@mail.ru

Имзои д.и.ф., профессор
Муллоев Шариф Боқиевичро
Тасдиқ мекунам Сардори идораи кадри
Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва
Тоҷикистон Давлатов Х.Ҳ.

ОТДЕЛ КАДРОВ

20.10.2020